# Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу суботи ҷомеа, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун, рушди қонунгузорӣ нақши ҳалкунанда доранд. Аз ин хотир, таҳлили илмии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти дарки илмӣ дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ мубрам аст. Айни замон фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таносуб бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳо ва нуфузи худро доранд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ дар таносуб бо намудҳои дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои худро дорад. Таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Аз ин хотир, мавзуи интихобшуда аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам аст.

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Ш.И. бо он тасдиқ мешавад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ, бо истифодаи дониши илмии назариявӣ, дар доираи методологияи таҳқиқи умуминазариявӣ, дар иртибот ба мафҳумҳо ва категорияҳои маъмулӣ ва пазируфташудаи назариявӣ, ба мисли «санади меъёрии ҳуқуқӣ», «ҳуқуқэҷодкунӣ», «эътибори ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ», «қонунгузорӣ» ва дигар мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки дар шакли ақидаҳо, хулосаҳо, таклифҳои илмию амалӣ пешниҳод шудаанд, асоси эътимодноки

назариявӣ ва методологӣ доранд, дар таносуб бо ақидаҳо ва мафҳумҳои дар назарияи давлат ва ҳуқуқ пазируфташуда навгонии илмӣ доранд. Ақидаҳо ва хулосаҳои диссертатсия ба таҳқиқи маҷмуи масъалаҳои назариявӣ, аз ҷумла таснифи санадҳои сарвари давлат, алоқамандии салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти идоракунӣ, мавқеи ҳокимияти президентӣ дар низоми анъанавии таҷзияи ҳокимият ва дигар мусоидат менамоянд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар натиҷаи таҳлили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати таҷдиди назар намудани ақидаҳо ва мафҳумҳои анъанавии назарияи давлат ва ҳуқуқро, ки бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон робита доранд, бо далелҳо исбот мекунад. Таҳлили муҳтавои автореферати диссертатсия дурустии ин таклифи муаллифро собит менамояд. Дар ҳақиқат, таҳлили ҷанбаҳои гуногуни фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон истифодаи ақидаҳо ва усулҳои нави илмиро тақозо дорад. Чунончи, таҳлили мазмуни меъёрии ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти унсурҳои нави таркибии онҳо, таносуби фармонҳои меъёрӣ, фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои дигари назариявӣ истифодаи ақидаҳои навро талаб мекунад. Муаллиф бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда ақидаҳо ва хулосаҳои нави илмиро доир ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, ки дар доираи мафҳумҳо ва категорияҳои назариявӣ исботи худро ёфтаанд, дар илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ, ба мисли ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва дигар

метавонанд, ки истифода шаванд, чунки бо вазъи конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, салоҳияти конститутсионӣ ва идоракунии ӯ, такмили соҳаҳои дахлдори қонунгузорӣ алоқамандӣ доранд.

Таҳили муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқи мукаммали илмии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон анҷом дода шуда, натиҷаҳои он ба инкишофи асосҳои назариявии таҳқиқи илмии ҳуқуқӣ, таҷдиди назар намудани методологияи дарки илмии ҳуқуқӣ, такмили намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқии доктриналӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон бо ин, дар кор баъзе андешаҳои ҷузъии мубоҳисавӣ ба назар мерасанд, ки изҳори назари муаллифро тақозо доранд. Чунончи, муаллиф қайд мекунад, ки фармонҳои «меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии фаврии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд» (саҳ. 24 автореферат). Танзими ҳуқуқии фавриро муаллиф ҳамчун хусусияти фармони меъёриии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ намуда, дар ин замина тафовути онро аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад. Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки танзими фаврии ҳуқуқиро яке аз асосҳои таснифи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мешуморад. Вобаста ба ин, муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ андешаи худро баён намояд.

Эроди зикршуда хусусияти мубоҳисаи илмиро дорад, чунки бо баҳси то ба ҳол ҷойдоштаи илмӣ оид ба маҳакҳои таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст ва аз ин хотир, ба баҳои мусбии таҳқиқи диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Саидзода Иззатулло Ҳабибулло, директори
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Суроға: кучаи Адҳамов, бинои 13, тел.: 907386658
Почтаи электронӣ: saidzoda.izzatullo@mail.ru

Имзои Саидзода Иззатуллоро тасдиқ менамоям,
Сардори бахши кадрҳо ва коргузорӣ – Анора Холализода

11. 02. 2026.